# Шарҳи моҳонаи таваррум • Ноябри 2020

**Тамоюли афзоишёбии нисбии сатҳи таваррум дар моҳи ноябри соли ҷорӣ идома ёфта, бинобар таъсири омилҳои берунӣ ва мавсимӣ 1,8 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба моҳи қаблӣ бетағйир ва ҳамин моҳи соли гузашта 1,2 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

Таварруми ҳосилшуда асосан аз ҳисоби афзоиши нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 2,7 фоиз, молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,9 фоиз ва нарху тарифҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,2 фоиз ба амал омад.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ бештар қиматшавии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили орди навъи якум 5,3 фоиз, гӯшти гов 0,3 фоиз, гӯшти гӯсфанд 0,6 фоиз, шир 2,1 фоиз, **равғани пахта 12,3 фоиз, равғани офтобпараст 13,9 фоиз, тухм 12,9 фоиз, шакар 2,8 фоиз,** картошка 8,0 фоиз, помидор 7,5 фоиз ва бодиринг 9,9 фоиз ба қайд гирифта шуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар моҳи ноябри соли ҷорӣ ба мисли моҳи гузашта аз маҳсулоти хӯрокворӣ бештар қиматшавии нархи маҳсулоти воридотӣ ва монанди орди навъи якум (саҳм дар таваррум 0,47 б.ф.), равғани пахта (0,37 б.ф.), равғани офтобпараст (0,17 б.ф.) ва инчунин тухм (0,18 б.ф.), ки вазни хоси онҳо дар сабади истеъмолӣ дар маҷмӯъ 14,7 фоизро ташкил медиҳанд, ба назар расид.

Дар давоми соли ҷорӣ, бинобар сабаби номусоид омадани вазъи боду ҳаво дар кишварҳои истеҳсолкунандаи шакар ва равғани рустанӣ (бахусус Русия ва Украина), ки ба ҷамъоварии ҳосили маҳсулотҳои мазкур таъсири манфӣ расонид, дар натиҷа нархи онҳо дар ҷумҳурӣ тамоюли болоравӣ доштанд.

Дар давоми моҳҳои январ-ноябри соли ҷорӣ афзоишёбии нисбии нархи орд, шакар, равғани рустанӣ ва тухм на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар кишварҳои шарикони асосии савдо низ (аз қабили Русия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон) ба қайд гирифта шудааст (ҷадвал замима мегардад).

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ дар моҳи ноябри соли ҷорӣ бештар қиматшавии нархи сӯзишвории сахт 5,8 фоиз (бахусус ангишт 5,7 фоиз), маводи сохтмонӣ 0,4 фоиз ва маводи шустушӯй 1,7 фоиз ба қайд гирифта шуд.

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи шакар ва равғани пахта, бо % моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад, асосан дар натиҷаи қиматшавии нархи хизматрасонии сӯзишворӣ ба андозаи 0,8 фоиз (бахусус гази моеъ 0,8 фоиз) ба вуқӯъ пайваст.

**Ҳамин тариқ, таварруми солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи ноябри соли ҷорӣ тамоюли афзоишёбӣ дошта, ба 9,8 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба моҳи қаблӣ 1,3 б.ф. ва ҳамин давраи соли гузашта 2,3 б.ф. зиёд мебошад.**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби аз доираи ҳадафи муқарраршуда баромадани сатҳи таваррум, асосан омилҳои мавсимӣ, фишорҳои берунӣ ва таклифотии вобаста ба авҷ гирифтани пандемияи коронавирус (COVID-19) арзёбӣ мегардад, ки дар натиҷа ба кам гардидани пешниҳоди баъзе аз маҳсулоти асосии хӯрокворӣ (шакар, равғани рустанӣ ва болоравии нархи онҳо дар кишварҳои содиркунанда), маҳдуд шудани тиҷорати байналхалқӣ ва паст шудани сатҳи рақобатнокӣ дар бозорҳои дохилӣ замина гузошт.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки дар худ омилҳои монетариро нисбатан инъикос менамояд, дар моҳи ноябри соли ҷорӣ 1,0 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 4,1 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 1,4 б.ф. зиёд мебошад. Ба ин раванд бештар болоравии нархи маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ (аз қабилӣ равғани рустанӣ ва маҳсулоти тайёри нонӣ) саҳмгузорӣ намуданд.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани фишорҳои иловагӣ ба сатҳи таваррум бо истифода аз воситаҳои монетарӣ татбиқи сиёсати мутавозуни пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Таварруми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таварруми аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор

## Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррами солона бо фоиз)*

| | Вазн,% | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | | | | 2020 | | | | | Ноябр моҳона бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Март | Июн | Сентябр | Октябр | Ноябр | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **5,4** | **7,8** | **8,7** | **8,1** | **8,0** | **9,3** | **8,4** | **6,6** | **8,5** | **9,8** | **1,8** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **50,4** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **4,9** | **10,2** | **13,5** | **11,9** | **11,4** | **13,5** | **12,4** | **7,6** | **11,7** | **14,0** | **2,9** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,3 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | 8,9 | 19,7 | 18,8 | 16,1 | 16,5 | 13,5 | 25,3 | 15,1 | 11,5 | 15,0 | 3,3 |
| Биринҷ | 2,6 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | 19,5 | 22,1 | 24,8 | 15,3 | 7,6 | 4,0 | -0,5 | -0,4 | -1,1 | 1,1 | -2,3 |
| Орд | 9,0 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 9,9 | 25,3 | 22,1 | 19,7 | 21,0 | 17,3 | 36,7 | 19,0 | 14,4 | 19,4 | 5,3 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,4 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 8,6 | 10,4 | 18,0 | 22,9 | 21,8 | 20,6 | 12,3 | 5,9 | 6,2 | 5,5 | 0,5 |
| Гӯшти гов | 5,3 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 8,9 | 11,4 | 21,8 | 27,2 | 25,9 | 25,2 | 14,0 | 5,7 | 6,7 | 5,5 | 0,3 |
| Тухм | 1,4 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 3,9 | 6,6 | 6,0 | 3,1 | 6,3 | -5,1 | -0,1 | -2,1 | 19,5 | 24,5 | 12,9 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 4,1 | 3,1 | 4,8 | 4,3 | 6,4 | 6,7 | 8,1 | 7,6 | 4,2 | 5,5 | 1,1 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 1,3 | 0,0 | 2,7 | 6,7 | 7,3 | 11,0 | 13,0 | 8,1 | 6,4 | 10,7 | 2,1 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,1 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 9,2 | 10,4 | 5,2 | 0,6 | -1,7 | 0,5 | 6,4 | 7,2 | 21,0 | 34,8 | 11,3 |
| Мевачот | 3,8 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | 4,0 | -4,0 | -15,5 | -5,4 | -2,2 | 12,1 | 18,6 | 11,5 | 1,0 | -3,7 | -2,5 |
| Сабзавот | 7,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | -10,7 | 3,7 | 33,1 | 15,0 | 15,4 | 29,9 | 3,0 | -3,0 | 15,9 | 14,4 | 0,2 |
| Шакар | 2,2 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | 2,7 | 5,7 | -0,6 | 3,4 | -5,1 | -0,2 | -2,0 | 13,1 | 30,5 | 37,9 | 2,8 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,8 | 5,1 | 6,2 | 6,7 | 8,1 | -0,8 | -0,2 | -2,1 | -2,0 | -2,9 | 0,5 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **8,0** | **6,7** | **8,1** | **7,3** | **3,0** | **3,0** | **2,9** | **6,2** | **5,7** | **6,0** | **0,2** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **5,4** | **3,8** | **3,5** | **0,9** | **1,0** | **1,9** | **3,2** | **5,0** | **4,5** | **4,4** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **30,6** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **6,4** | **6,3** | **4,7** | **4,1** | **4,2** | **5,0** | **3,9** | **5,8** | **5,5** | **5,9** | **0,8** |
| Либос ва пойафзол | 10,4 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 5,6 | 14,7 | 13,5 | 14,4 | 13,4 | 4,2 | 3,8 | 4,1 | 4,0 | 3,8 | 0,4 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,5 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 7,3 | 6,0 | 5,2 | 4,9 | 4,9 | 5,5 | 6,5 | 8,0 | 7,6 | 7,8 | 0,5 |
| Маводи шустушӯй | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 6,2 | 7,0 | 9,0 | 6,3 | 3,3 | 2,9 | 5,0 | 7,0 | 8,9 | 10,3 | 1,4 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 10,4 | 6,4 | 18,1 | 10,8 | 13,0 | 16,5 | 11,9 | 12,6 | 8,2 | 8,0 | 0,4 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 12,2 | 5,4 | -10,6 | -9,1 | -5,7 | 4,2 | -16,5 | -1,2 | -3,6 | -3,1 | 1,9 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | -8,4 | -5,0 | -12,7 | -18,0 | -9,9 | -2,1 | -2,7 | 14,8 | 18,0 | 22,5 | 5,8 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 5,2 | 8,1 | 0,4 | 1,5 | 0,8 | -0,7 | 2,7 | 2,8 | 2,8 | 3,0 | 0,2 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 8,3 | 8,5 | 4,9 | 4,1 | 3,8 | 2,9 | 8,4 | 7,5 | 8,3 | 9,5 | 0,2 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,4** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **4,9** | **3,4** | **1,3** | **3,7** | **5,5** | **4,7** | **5,0** | **5,0** | **4,7** | **4,7** | **0,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,4 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 10,8 | 12,3 | 3,2 | 15,7 | 9,1 | 11,0 | 7,5 | 4,9 | 3,5 | 3,2 | 0,2 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 5,0 | 6,5 | 3,3 | 2,9 | 2,8 | 1,3 | 1,3 | 2,8 | 3,4 | 3,4 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 9,4 | 8,7 | 8,2 | 8,2 | 4,3 | 1,1 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,0 | 0,0 | 16,3 | 14,7 | 14,9 | 14,6 | 14,4 | 32,9 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | 3,4 | 40,1 | 6,2 | 14,1 | -23,3 | -15,8 | -5,9 | 5,9 | -9,3 | 28,1 | 19,5 | 16,5 | 0,8 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 2,9 | -2,4 | -0,2 | -8,8 | 3,7 | -1,4 | 0,9 | 4,6 | 3,7 | 3,8 | 0,0 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,2 | 8,5 | 8,6 | 8,8 | 8,9 | 0,0 |
| Маориф | 1,7 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 0,3 | 0,7 | 0,7 | 2,0 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 7,7 | 9,3 | 9,3 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,9 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 15,4 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 0,5 | 0,4 | 0,4 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 3,3 | 3,2 | 3,2 | 5,3 | 3,8 | 4,4 | 3,1 | 2,6 | 4,2 | 5,2 | 1,1 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо

**Муқоисаи сатҳи таваррум байни кишварҳои шарикони асосии савдо* (бо фоиз)**

| Нишондиҳанда | Тоҷикистон | | Қазоқистон | | Қирғизистон | | Ӯзбекистон | | Русия | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | янв-ноя с. 2020 | солона (ноябри с. 2020) | янв-ноя с. 2020 | солона (ноябри с. 2020) | янв-ноя с. 2020 | солона (ноябри с. 2020) | янв-ноя с. 2020 | солона (ноябри с. 2020) | янв-ноя с. 2020 | солона (ноябри с. 2020) |
| Таваррум | 8,9 | 9,8 | 6,5 | 7,3 | 7,2 | 8,2 | 9,5 | 11,3 | 4,1 | 4,4 |
| аз он: | | | | | | | | | | |
| Маҳсулоти хӯрокворӣ | 12,5 | 13,4 | 9,6 | 10,8 | 13,2 | 15,0 | 12,6 | 16,3 | 5,1 | 5,8 |
| аз он: | | | | | | | | | | |
| Орди навъи якум | 20,6 | 19,4 | 15,3 | 17,6 | 18,2 | 20,2 | 13,5 | - | - | - |
| Равғани офтобпараст | 36,4 | 34,9 | 23,1 | 22,9 | 36,3 | - | 28,1 | - | 23,8 | 23,8 |
| Шакар | 41,6 | 37,9 | 29,6 | 23,8 | 29,5 | 26,5 | 18,5 | - | 71,5 | 65,2 |
| Тухм | 19,3 | 24,5 | 13,1 | 16,6 | 13,0 | - | 33,0 | - | 1,7 | 8,1 |

*манбаъ: омори расмии кишварҳо